**ҚАРОРИ**

шурои диссертатсионии 6D.КОА–096 назди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон оид ба ҳимояи такрории диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

**аз 14 октябри соли 2025** **ш.Душанбе**

Суханронии Акрамов Абдуҳалим Холович-ро дар мавзуи “Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт” аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ, тақризи муассисаи пешбар - Пажӯҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии биотехнологияи назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, ки аз тарафи муқарриз, ходими пешбари озмоишгоҳи биотехнологияи картошка, номзади илмҳои биологӣ Анварова Мавлюда, котиби илмии шурои илмӣ Назарова М.Р. имзо намудаанд ва директори муассиса номзади илмҳои биологӣ Каримов Ҳасан Сайфуллоевич тасдиқ намудааст, суханронии муқарризони расмӣ **Алиев Қурбон Алиевич** - доктори илмҳои биологӣ, профессор, мудири озмоишгоҳи биологияи молекулавӣ ва биотехнологияи Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **ва Саидов Фахриддин Муминович -** номзади илмҳои кишоварзӣ, муаллими калони кафедраи агротехнологияи Донишгоҳи давлатии Данғара, инчунин муқарризони ғайрирасмӣ доктори илмҳои биологӣ Исмоилов Махсатулло Исроилович, доктори илмҳои кишоварзӣ Саидзода Раҳмон Фатҳулло, доктори илмҳои биологӣ Абдураҳмонов Нуритдин Атокузиевич, доктори илмҳои кишоварзӣ Ахмедов Турсунбой Абдуллоевич, доктори илмҳои кишоварзӣ Асозода Нуралӣ Маҳмадулло, доктори илмҳои кишоварзӣ Партоев Қурбоналӣ ва доктори илмҳои кишоварзӣ Салимзода Амонулло Файзулло-ро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асосӣ натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои ба дастовардаи Акрамов Абдуҳалим Холович

## ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзуи “Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Акрамов Абдуҳалим Холович дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05- Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ дода шавад;

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05- Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ ба Акрамов Абдуҳалим Холович аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор 16 нафар, Муқобил-нест. Бетараф-нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои кишоварзӣ,
профессор Салимзода Амонулло Файзулло

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои кишоварзӣ Пӯлотова Шаҳодат Сайфуллоевна

14 октябри соли 2025